Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146)
E-mail: olimov – 1976 @mail.ru,
www.tajagraun.tj)

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Арзёбии иқтисодиёти кишоварзӣ дар ҷаҳон нишон медиҳад, ки афзоиши мунтазами аҳолӣ, афзоиши бекорӣ дар ҷаҳон, баландравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ ва истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои замину об дар аксар давлатҳои ҷаҳон боиси баландшавии нархи маҳсулоти кишоварзӣ гардид. Аз ин рӯ, масъалаҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ яке аз муаммоҳои мураккаб дар илми иқтисодӣ ба шумор рафта, соҳа бо хусусиятҳои ба худ хос аз дигар соҳаҳои хоҷагии халқ фарқ менамояд. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат вобаста ба зиёд шудани қуввaҳои истеҳсолкунанда дар ин соҳа такмили механизмҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро талаб менамояд. Махсусгардонӣ шакли тақсимоти ҷамъиятию ҳудудии меҳнат буда, ҷойгиркунонӣ як воситаи баамалбарории такрористеҳсолкунии васеъ мебошад. Бахши хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таҳдидҳои тақозои афзоишёбандаи ҷаҳонӣ ба озуқа ҷавобгӯ будан бояд ба рушди устувори интенсивӣ ноил гардад. Соҳаи кишоварзии кишвар аз рӯйи ҳисса дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, таъмини амнияти озуқаворию аҳолӣ ва соҳаҳои саноат бо ашёи хом, шумораи аҳолии машғул яке аз соҳаҳои муҳимми стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаҳои ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонӣ дар доираи татбиқи стратегияи рушди соҳаи кишоварзӣ, инчунин ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо ҷалби ташкилотҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Муаллиф дар автореферат қайд менамояд, ки роҳи асосии тараққиёти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон пеш аз ҳама мустаҳкам намудани алоқаҳои берунии иқтисодӣ, ба системаи байналхалқии тақсимоти меҳнат бештар ҷалб намудани маҷмааи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо ин мақсад муаллиф омилҳои таъсиркунанда ба низоми ҷойгиршавии

зироатҳои кишоварзиро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки истеҳсолоти кишоварзӣ истифодаи оқилона ва самаранокии замин, захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявиро талаб мекунад.

Дар таҳқиқот аз ҷониби Юсуфзода Ф.С. унсурҳои оптималикунии соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ муайян карда шуда, дар ин асос харитаи ҷойгиршавии соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводории ноҳияҳои вилояти Хатлон пешниҳод карда шудааст.

Аз ҷониби муаллиф зарурияти оптималикунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилоят, самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар шароити гуногунсозии истеҳсолоти кишоварзии мамлакат муайян карда шудааст.

Унвонҷу дар таҳқиқоти худ роҳҳои мушаххаси таъсири технологияи инноватсионӣ ба ҷойгиркунонии истеҳсолот ва дар ин замина таъсири он ба афзоиши самаранокиии истеҳсолотро ба таври кофӣ пешниҳод накардааст.

Камбудии зикргардида моҳияти назариявию методологӣ ва амалии кори мазкурро паст намекунад ва хислати тавсиявӣ дорад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақризиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, академики АМИТ
Президенти Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Хушвахтзода Қ.Х.

10.02.2026

Имзои Хушвахтзода Қ.Х.-ро тасдиқ менамоям:

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Толиб

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: +992(37) 221 50 83; +992(37) 221 70 80.
Суроғаи электронии муассиса - e-mail: https://amit.tj/tj/.
Суроғаи электронии муқарризи расмӣ – kobil_barfiev@mail.ru.